# Ҷашни Ваҳдати миллӣ муборак!

**Барои ҳифзи Ватан, таҳкими Истиқлолият ва амнияти миллӣ тайёрем!**

# Родмардон

№6(207)
22 июн соли 2023

**Нашрияи тарбияи ҳарбию ватанпарастии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон**


> Ваҳдати миллӣ барои мо дастоварди ниҳоят пурарзиш, шарти асосии некӯаҳволии халқамон ва таҳкурсии боэътимоди пешрафту ободии Ватани маҳбубамон мебошад.
>
> Эмомалӣ Раҳмон

# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ШОҲРОҲИ СОЗАНДАГИСТ

Набардҳои сиёсӣ, ҷангҳои иттилоотӣ, гурезаҳо, кӯдакони ятиму гурусна, ҷангу ҷидол, муборизаи қавму миллатҳо барои озодӣ, ҳаёти осоишта, ҳудуд, давлат, таъминот бо об, дастрасӣ ба таълим, маърифат ва монанди ин масъалаҳои глобалӣ мавзӯъҳои ташвишовари кулли башаранд. Пиру барнои кишварҳои ҷангзада орзуи тинҷиву оромиро доранд, аммо авҷ гирифтани низоҳову ифротгароӣ, аз ҷумла терроризму экстремизм ба онҳо имкон намедиҳад, ки ба ин дастоварди бузург, яъне ба ваҳдати миллӣ ва сулҳи устувор ноил гарданд. Ҳатто баъзе аз кӯдакони ин кишварҳо чӣ будани оромиро намедонанд. Чун ки дар оғӯши ҷанг калон шудаанд. Аз таҳсил дур мондани онҳо мушкилоти дигар аст.

Ваҳдату ягонагӣ метавонад, оламу одамонро мутаҳид гардонида, пойдории сулҳу суботро таъмин намояд. Зери мафҳуми ваҳдат на танҳо оромиву осоиши давлату миллат фаҳмида мешавад, балки ваҳдат ин пешрафти ҷомеа, пешрафти илму маориф, пешрафти варзиш ва рушду нумуи тамоми соҳаҳои мамлакат аст.

Тоҷикистони мо пас аз соҳибистиқлол гардидан дар вартаи нобудӣ қарор дошт ва ба амал омадани ҷанги шаҳрвандӣ ба кишвари мо хисороти зиёдеро ба бор овард. Мардум ҳама гуреза шуда, дур аз ватан бо азобу машаққат зиндагӣ мекарданд. Ҳама ташнаи сулҳ, ташнаи ваҳдати миллӣ буд. 8 гуфтушунид байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва неърӯҳои мухолифин сурат гирифт. Дар њама ҳолат Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гузашт карданд, таҳаммул пеша карда, ба фирӯзӣ мушарраф шуданд. 27 июни соли 1997 дар шаҳри Маскави Федератсияи Русия "Созишномаи умумии Истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон" миёни ҳукумати кишвар бо роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари Иттиҳодияи нерӯҳои мухолифини тоҷик Сайид Абдуллои Нурӣ ба имзо расид. Имсол бошад аз имзо гардидани ин созишнома 26 сол пур гардид. 26 соли рушд, 26 соли созандагӣ, 26 соли ободии сарзамини аҷдодӣ ва 26 соли комилҳуқуқии тамоми мардуми Тоҷикистон. Ин сана дар таърихи давлатдории мо тоҷикон нақши бағоят муҳимро гузошта, дар саҳифаи таърихи миллат бо хатҳои заррин навишта шуд. Аз файзу нусрати ин санаи муқаддас Тоҷикистон рӯз аз рӯз беҳтару хубтар гардида, некӯаҳволии мардум низ ба беҳдудӣ расид. Рӯз аз рӯз илму маориф ба як қатор пешравиҳо ноил гашт.

Ваҳдати миллиро метавон сарчашмаи ҳастии миллат ва бақои давлат номид. Зеро агар ваҳдат намебуд, касе ором намехобид. Касе босавод намешуд ва миллату давлати моро низ дар арсаи байналмилалӣ касе ҳам намешинохт. Маҳз ваҳдат буд, ки имрӯзҳо фарҳанги оламшумул, пешниҳодҳои глобалӣ ва ҳастии миллати тоҷикро ҳама халқу миллатҳои ҷаҳон, созмонҳову ташкилотҳои байналмилалӣ ва давлатҳои дунё эътироф доранд ва ба хушӣ қабул намудаанд.

Чанде пеш дар пойтахти кишварамон шаҳри Душанбе бори аввал дар таърихи давлатдориамон Мусобиқаи байналмилалии Гран При Душанбе-2023 оид ба Ҷудо баргузор гардид, ки дар он варзишгарони зиёда аз 40 давлати дунё ки аз 5 қитъаи олам буданд, иштирок намуданд. Ин мусобиқа мустақиман аз телевизионҳои 200 давлати дунё пахш гардид, ки ин боиси ифтихори давлату миллати мо мебошад, ки маҳз бо шарофати истиқлоли давлатӣ, сулҳу ваҳдати миллӣ ба даст омадааст.



Дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва телевизионҳои Афғонистон бисёр дидаем, ки мардуми ин кишвар мегӯянд: ***"Мо Пешвои миллати тоҷиконро дӯст медорем. Вақте ки дар Тоҷикис- тон ҷанги шаҳрвандӣ оғоз гардид, вазъияти ин кишвари ба мо дӯсту бародар дар арсаи нобудӣ қарор дошт. Вазъи Афғонистони мо дар он давра новобаста ба шиддати ҷанг аз вазъи Тоҷикистон беҳтару хубтар буд. Мардуми тоҷик гуреза шуда ба кишвари мо Афғонистон меомаданд. Аммо Раисҷумҳури Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо талошу заҳматҳои бесобиқа дар як муддати кӯтоҳ мардуми Тоҷикистонро ба ҳаёти орому осоишта баргардониданд. Душанберо, ки пойтахти ин кишвар аст, ба яке аз зеботарин шаҳрҳои дунё табдил доданд. Мо сарваре чун Эмомалӣ Раҳмон надорем, ки давлату миллати моро соҳибӣ кунад".***

Мо мардуми Тоҷикистон бояд аз суханони мардуми ҳамсоякишвар дарси ибрат гирифта, бахри боз ҳам пешрафти миллату давлати худ саҳмгузор бошем ва даст ба дасти ҳамдигар дода, пойдории истиқлолият, ваҳдат, сулҳу суботро таъмин намоем ва ба қадри ин неъмати бузург бирасем.

Ёқубҷон СУЛТОНАЛИЗОДА

## *Бузургуфтаҳои*

*Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар боби Ваҳдат*

*«...тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои гулгулшукуфии Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам. Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас агар лозим шавад, ҷон нисор мекунам, чунки ман баояндаи Ватанам ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азияткашидаам бовар дорам».*

*12 декабри соли 1992*

*Мо бояд сулҳу суботи ҷомеаро ҳамеша мисли гавҳараки чашм ва неъмати азизтарин эҳтиёт ва ҳифз намоем.*

*Ҳар фарде, ки худро тоҷикистонӣ медонад ва қадру манзалати Тоҷикистонро азиз мешуморад, бояд ба ин дастовард ҳамеша эҳтиром гузорад ва таҳкими ваҳдати миллиро рисолати шаҳрвандию қарзи фарзандӣ дониста, ба халалдор гардидани он ҳаргиз роҳ надиҳад.*

## *Ваҳдати миллӣ ҳамин симои ӯст*

*Ваҳдати миллӣ ҳамин симои ӯст,*
*Дасту пои ӯ, қаду болои ӯст.*

*Ваҳдати миллӣ ҳамин тамкини ӯст,*
*Сабри беҳад, тоқати сангини ӯст.*

*Ваҳдати миллӣ ҳамин эҳсони ӯст,*
*Ҳиммати ӯ, нанги ӯ, виҷдони ӯст.*

*Ваҳдати мо акси бебокии ӯст,*
*Хайри ӯ, некии ӯ, покии ӯст.*

*Ҳиммате, ки душманонро дӯст кард,*
*Миллатеро дар тане ҳампӯст кард.*

*Ваҳдати миллӣ фурӯғ андар тан аст,*
*Пеши дарёро ба сина бастан аст.*

*Кӯҳро кандан ба нохунҳо, ба чанг,*
*Рӯшанӣ берун баровардан зи санг.*

*Рехтан аз ҷисми худ, аз ҷони худ*
*Хиштҳои қалъаи имони худ.*

*Кардан аз хоки тан эҳёи Ватан,*
*В-аз фари худ фарри фардои Ватан.*

*Ваҳдати миллист, агар ишқи Ватан*
*Мефурӯзонад туро дар ҷону тан.*

*Он гаҳе, к-аз остон то осмон*
*Шӯълавар гардад вуҷуди тоҷикон.*

*Ваҳдати миллӣ ҳамин иқдоми ӯст,*
*Ваҳдати миллӣ-худи ӯ, номи ӯст.*

*Ваҳдати миллӣ ҳамин имони мост,*
*Сурати Эмомалӣ Раҳмони мост.*

*КАМОЛ НАСРУЛЛО*
*Шоири халқии Тоҷикистон*

# Маросими ифтитоҳи Масҷиди ҷомеи марказии шаҳри Душанбе дар ҳошияи сафари давлатии Амири Давлати Қатар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон



8 июн Амири Давлати Қатар мухтарам Шайх Тамим бин Ҳамад Оли Сонӣ бо сафари давлатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварданд.

Дар ҳошияи сафари давлатии Амири Давлати Қатар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон маросими ифтитоҳи Масҷиди ҷомеи марказии шаҳри Душанбе баргузор гардид.

Сарони давлатҳо Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ва мухтарам Шайх Тамим бин Ҳамад Оли Сонӣ, инчунин Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе мухтарам Рустами Эмомалӣ бо бардоштани парда аз рӯйи лавҳаи рамзӣ ин иншооти муҳими маънавиро ифтитоҳ намуданд.

Баъди шиносоӣ Сарони давлатҳо мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Амири Давлати Қатар Шайх Тамим бин Ҳамад Оли Сонӣ ба сифати корҳои анҷомдодашуда, ки бо риояи суннатҳо ва нозукиҳои меъмории миллӣ иҷро гардида, таҷассумгари омезиши моҳиронаи арзишҳои миллӣ ва суннатҳои динӣ мебошанд, баҳои баланд доданд.

Пешниҳод гардид, ки ба хотири хизматҳои барҷаста дар олами ислом Масҷиди ҷомеи марказии шаҳри Душанбе ба номи "Имоми Аъзам — Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит" гузошта шавад.

Ёдовар мешавем, ки 5 октябри соли 2009 зимни бузургдошти асосгузор ва пешвои мазҳаби таҳаммулгарои ҳанафӣ — Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит ва дар рӯзҳои таҷлили 1310-солагии ӯ бо иштироки Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ва олимону сиёсатмадорони воломақоми давлатҳои зиёди ҷаҳон санги асоси бузургтарин масҷиди ҷомеи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шуд.

Мутахассисони варзидаи соҳа аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар пас аз омӯзишу таҳқиқи ҳамаҷониба лоиҳаи Масҷиди ҷомеи марказии Душанберо таҳия намуданд.

5 октябри соли 2011 корҳои сохтмони иншоот оғоз гардиданд.

Сарвари давлат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷойи бунёди масҷиди ҷомеъ ташриф оварда, дар оғози корҳои нахустини сохтмон бевосита иштирок намуданд.

Масҷид дар ҳудуди 12 гектар, ки бинои масҷид дар 3 гектари он ҷойгир шудааст ва дорои 3 даромадгоҳи калон мебошад, бунёд гардидааст.

Масҷид имконияти ғунҷоиши 133 ҳазор намозгузорро дар як вақт дорад, ки аз ин шумора 43 ҳазор намозгузор дар дохили масҷид ва боқимонда дар гирду атрофи он ҷой мегирад.

Масоҳати ошёнаи якуми бино, дар маҷмӯъ, 18 444 метри мураббаъро ташкил медиҳад. Дохили толорҳо бо 14 000 метри мураббаъ қолини истеҳсоли ватанӣ қолинпӯш гардида, дар қисмати ҷанубу ғарби толори намозгузории калон меҳроб ҷойгир шудааст.

Масҷид аз 4 манора бо баландии 74 метр, ду манораи хурди ороишӣ бо баландии 21 метр, гумбази зебову мунаққаши калон бо баландии 43 метр ва 17 гумбази хурд бо баландии 35 метр иборат мебошад.

Дар дохили масҷид 6 синфхонаи барҳаво, толори қабули меҳмонон ва гузаронидани мулоқоту вохӯриҳо, 2 китобхона, 9 ҳуҷраи корӣ, 3 меҳмонхона ва ҳуҷраҳои техникӣ ҷойгир шудааст.

Намои берунаи бинои иншоот 62 393 метри мураббаъро ташкил дода, масоҳати 33 963 метри мураббаъ бо мармари сафед оро ёфтааст.

Дар гирду атрофи иншоот дар масофаи 92 000 метри мураббаъ корҳои кабудизоркунӣ гузаронида шуда, дар ду тарафи даромадгоҳ, ҳамчунин, таваққуфгоҳ барои 500 воситаи нақлиёт бунёд гардидааст.

Барои ороиши масҷид 6 630 метри мукааб кошин ва 2 800 метри мукааб мармари сиёҳ истифода шудааст. Саҳни ҳавлии дохили бино аз 4 800 метри мураббаъ ва як фаввора иборат буда, дар он ҷо дар як вақт 8 000 намозгузор ҷой гирифта метавонад. Дар маҷмӯъ, масҷид дорои 178 дар мебошад, ки 40 адади он аз чӯби чормағз омода гардидааст.

Қобили таъкид аст, ки бо маслиҳатҳои мушаххас ва завқи баланди зебоипарастии Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар лоиҳаи сохтмони ин иншооти бузург тарҳу услубҳои меъмории бостонии тоҷикӣ, нақшу нигори деворҳо, гумбазҳо, сутунҳову даромадгоҳҳо ва тамоми дигар корҳои ороиши дохилу атрофи масҷид ба эътибор гирифта шудааст.

Ин на танҳо як масҷид, балки пойгоҳи замонавии фарҳангу таърихи исломӣ буда, толорҳои он тавре бунёд шудаанд, ки дар онҳо ҷорабиниҳои мухталифи илмиву фарҳангӣ ва ҳамоишҳои сатҳу зинаҳои гуногун гузаронда мешаванд.

Бояд гуфт, ки бо пешниҳод ва иштироки Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон 30 майи соли 2018 дар паҳлуи Масҷиди ҷомеи марказии шаҳри Душанбе сохтмони Донишкадаи исломии Тоҷикистон оғоз гардид.

Донишкадаи исломии Тоҷикистон барои 1 500 донишҷӯ дар як баст пешбинӣ гардидааст.

Бунёди Масҷиди ҷомеи марказии шаҳри Душанбе ва Донишкадаи исломӣ гувоҳи равшани сиёсати Пешвои миллат ва давлати Тоҷикистон доир ба дин, озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин мебошад.

Ҳамчунин таъкид бояд кард, ки пуштибонии пайваста аз номи поки дини мубини ислом дар арсаи минтақа ва ҷаҳон, ба забони тоҷикӣ нашр кардану дастраси мардум гардонидани Қуръони карим ва дар сатҳи милливу байналмилалӣ таҷлил намудани 1310-солагии асосгузори мазҳаби таҳаммулгарои ҳанафӣ — Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит – Имоми Аъзам аз ҷумлаи хизматҳои шоёни Роҳбари мухтарами давлати мо мебошанд, ки ӯро ба шаъну эътибори баланд дар ҷаҳони ислом расонидаанд.

Ҳамин аст, ки номи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо ба феҳристи 500 мусулмони соҳибнуфузи олам шомил гардидааст.

Қобили тазаккури хос аст, ки мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бо инояту меҳрубонии Парвардигори олам чор дафъа зиёрати хонаи Каъбаву равзаи Пайғамбари исломро (с.а.в) ба анҷом расонида, ду бор ба дохили Каъбатуллоҳ ворид шудаанд.



# САНҶИШ. ҶАМЪОМАДҲОИ ТАЪЛИМӢ

Мутобиқи фармони Фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 майи соли 2023 ва тибқи Нақшаи ягонаи чорабиниҳои асосии Гвардияи миллӣ дар соли хониши 2023, бо мақсади муайян намудани сатҳи дониши ҳайати шахсӣ оид ба омодабошии ҷангӣ ва сафарбарӣ, тайёрии ҷангӣ, хизмати қӯшунҳо ва бехатарии хизмати ҳарбӣ, тайёрии давлатию ҷамъиятӣ, ҳолати интизоми ҳарбӣ, таъминот, ҳолати аслиҳаю техникаи ҳарбӣ ва таъминоти ақибгоҳӣ аз 15 май то 10 июни соли 2023 дар қисмҳои ҳарбӣ санҷиши маҷмӯӣ гузаронида шуд. Фаъолияти қисмҳои ҳарбии Гвардияи миллиро дар шаш моҳи аввали соли хониши 2023 комиссияи босалоҳият, ки аз ҳисоби афсарони раёсату шуъбаҳои фармондеҳӣ ташкил карда шуд, мавриди санҷиш қарор доданд. Барои пурсамар ва саривақт иҷро шудани фармони фармондеҳ ва бо мақсади санҷиши мукаммали ҷузъу томҳо комиссия ба гурӯҳҳо ҷудо шуда, дар асоси дастури пешакӣ самтҳои муҳими хизмати ҳарбӣ, яъне омодабошии ҷангӣ, тайёрии силоҳу техникаҳои гуногуни ҷангӣ ва маҳорату малакаи касбии хизматчиёни ҳарбиро ҳадаф қарор доданд. Гурӯҳи якум таҳти роҳбарии генерал-майори гвардия Ализода Ҷонибек Ҷӯрабек, Сардори Сарситод-муовини аввали Фармондеҳи Гвардияи миллӣ ва гурӯҳи дуюм бо роҳбарии генерал - майори гвардия Самарзода Қиёмиддин Шароф, муовини Фармондеҳи Гвардияи миллӣ оид ба аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ фаъолиятро аз рӯи ҷадвал ва нақшаи тасдиқгардида ба роҳ монда, аз бурду бохти ҷузъу томҳо дар шаш моҳи соли 2023, натиҷаҳои санҷиш ба Фармондеҳи Гвардияи миллӣ санад пешниҳод намуданд.

Қобили зикр аст, ки тамоми фаъолияти хизматчиёни ҳарбӣ дар асоси қонун, нақша, фармон ва дастуру супоришҳои Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фармондеҳи Гвардияи миллӣ сурат мегирад. Дар асоси ин ҳуҷҷатҳои роҳбарикунанда дар баробари ба итмом расидани як чорабинӣ ташкилу тарадуд ба чорабинии дигар оғоз мегардад. Чуноне ки дар боло қайд гардид, дар асоси санҷиши комиссия, таҳлилу баррасии фаъолияти ҳайати шахсии қисмҳои ҳарбӣ дар нимсолаи якуми соли



хониши 2023, дар раванди хизмат, иҷрои вазифаҳо норасоиву камбудиҳо низ ба назар расиданд. Бо ҳамин мақсад, яъне расонидани ёрии амалӣ дар пешбарии хизмат, омода намудани ҳуҷҷатҳои роҳбарикунанда, беҳтар ба роҳ мондани таълиму тарбияи сарбозон,



таъминоти техникӣ ва гузаронидани ҷамъомадҳои таълимӣ ба нақша гирифта шуд.

Мутобиқи фармони фармондеҳи Гвардияи миллӣ ва баҳри иҷрои Нақшаи ягонаи чорабиниҳои асосии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 аз 13 июн то 30 июни соли 2023 ҷамъомадҳои дурӯза бо командирони қисмҳои ҳарбӣ, сардорони ситодҳо, муовинони командирон ва сардорони қисмҳои махфии қисмҳои ҳарбии Гвардияи миллӣ аз рӯи ҷадвали тасдиқгардида, ҷамъомади дурӯза ташкил ва гузаронида мешавад. Ҷамъомадҳо дар заминаи фармондеҳӣ, Маркази миллии таълимӣ оид ба мубориза бо терроризм ва маводи мухаддир, қисмҳои ҳарбии 051055, 051064 гузаронида мешаванд.

Хайринисо КОМИЛЗОДА

# ТАНЗИМ-БАРАКАТИ ЗИНДАГӢ

*Аз андоза берун манеҳ пои хеш,*
*Хирадро нигаҳ дор дар ҷои хеш!*

Бо мақсади ҳимояи манфиатҳои иҷтимоӣ, мусоидат намудан барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва пешгирӣ аз таассубу хурофот соли 16-ум аст, ки қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди амал қарор дорад ва дар воқеъ, мақомоти танзимкунандаву назораткунандаи ин қонуни миллӣ рисолати бузургу муҳимеро дар назди наслҳои оянда бар дӯш доранд. Аммо дар баробари ин, амалӣ гаштани қонуни мазкур аз маърифатнокии ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ вобастагии зиёд дорад. Қабули қонуни мазкур хеле саривақтӣ ва манфиатовар буда, тавассути он тамоми қолабҳои шахшудаву зарароваре, ки солиёни зиёд бо иси хурофоту таассуб, худнамоиву зоҳирпарастӣ ва исрофкориву зиёдаравӣ мегардиданд, шикаста, аз байн бурда шуданд.

Ба ҳамагон маълум аст, то қабули ин қонуни миллӣ гузаронидани маъракаҳои дабдабаноки азодорӣ ва хурсандӣ барои соҳибмаъракa хеле гарон меафтод ва ҳатто боиси қарздоршавӣ ва бадбахтиву дигар мушкилот дар зиндагии онҳо мегардид. Масалан, агар нафаре аз олам мегузашту наздикони ӯ маъракаҳояшро тибқи талаботи ҳамон деҳа ё маҳал намегузарониданд, аҳли деҳа ва ҳаққу ҳамсоя ба ҳоли онҳо писханд мезаданд. Ё ин ки тӯйи оиладоршавии ҷавоне баргузор мегардид, бинобар хароҷоти зиёду миёншиканe, ки талаботи ҳамон давр буд, ҳатман оилаи онҳо қарздор мешуд ва ё тамоми дороиашро сарф мекарду дар зиндагии минбаъда ба мушкилот дучор мешуд, ки ин ҳолат оқибат боиси ҷанҷолҳои оилавӣ ва ҳатто вайроншавии оилаҳои ҷавон мегардид. Ба ҳамин монанд, дигар маъракаҳо, аз ҷумлаи хатнасуру зодрӯз, сарупобинону чойгаштак, идҳои Рамазону Қурбон ва ғайраҳо низ ба буҷаи оилавӣ хисороти калони молиявӣ ворид менамуданд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки маҳз бо ташаббуси Асосгузори сулху ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба дархосту пешниҳоди зиёди аҳли ҷомеа қабул карда шудааст, хеле иқдоми наҷибу хирадмандона буда, то ҳадде тавонистааст пеши роҳи исрофкориву хароҷоти беҳуда, худнамоӣ ва мусобиқаҳои дастурхондориро миёни аҳолӣ пешгирӣ намуда, боиси зиндагии шоистаи мардуми шарифи Тоҷикистон гардидааст.

Қобили зикр аст, ки тағйиру иловаҳое, ки соли 2017 ба ин қонун ворид карда шуд, ба зиндагии мардуми Тоҷикистон як қатор сабукиҳо овард. Аз ҷумла, дар маросими дафну азодорӣ ташкили «оши сари тахта», «душанбегӣ», «ҷумъагӣ», «ҳафт», «бист», «шашмоҳагӣ», ки гузаронидани ин гуна маъракаҳо аз зиёдаравӣ холӣ нест, манъ карда шуда, маросими «се», «чил» ва «сол» бе забҳи чорво ва додани таом гузаронида мешаванд.

Тибқи талаботи қисми 3 моддаи 11 қонуни мазкур амалҳое, ки барои соҳиби майит вазнинӣ меоранд ва мухолиф бо дастуроти шариатанд, манъ карда шудаанд. Ин гуна маросим ба таълимоти дини Ислом ва мазҳаби ҳанафӣ низ мувофиқат накарда, ҳамчун маросими зиёдатӣ ва серхарҷу исрофкорӣ дониста шудаанд. Танҳо дар ин ҳолат ба таври истисно додани ҳаққи хизмати қабркан ва мурдашӯӣ, ки кори душвору заҳматталаб аст иҷозат дода шудааст ху халос. Дар сурати имкон надоштани соҳиби майит ҳаққи хизмати қабркан ва мурдашӯиро метавонанд шахсони саховатманд, ё ин ки аз ҳисоби маблағҳои хайриявӣ пардохт намоянд.

Чуноне ки дар тафсири қонун оварда шудааст, маросими «душанбегӣ» ва «ҷумъагӣ», ки ҳамчун садақа аз ҷониби соҳибони майит дода мешуд, манъ шуда бошад ҳам, аммо ба рӯҳи гузаштагон хондани дуову фотеҳа, яъне бе оростани дастурхон ба хонаи соҳиби майит рафтану дуо хондан, манъ нагардидааст. Мувофиқи шариати Ислом дар ҳаққи гузаштагон хондани дуову фотеҳа беҳтар аз додани таом ва дигар исрофкориҳо мебошад.

Инчунин, бояд хотиррасон намуд, ки тибқи тағйироти воридшудаи қонун ба иштирокдорони маросими дафн, аз ҷумла, ба имоме, ки ҷаноза мехонад додани пули нақд, қолин, либос ва дигар ашёҳо манъ карда шудааст. Маросими давра кардан, ки дар баъзе минтақаҳо роиҷ аст, ихтиёрӣ буда, ба соҳибони майит пул додан, кумак кардан яке аз хислатҳои хуби инсонист.

Ҳамзамон, ворисони марҳум метавонанд ба хотири гузаштагонашон ба ятимону бепарасторон, камбизоатон, беморон, муҳтоҷону мусофирон хайру садақа намоянд ва ё маблағи садақаро барои корҳои ободонӣ, аз ҷумла, чоҳ кандан, об овардан, таъмиру тармими мактаб, роҳ, ёрӣ ба хонаи пиронсолон, ятимхонаву интернатҳо, муассисаҳои тиббӣ ва дигар амалҳои нек сарф намоянд.

Сардори шуъбачаи Раёсат оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ подполковники гвардия Фарҳод МУЗАФФАРИЁН

# ВАТАНДӮСТӢ АСОЛАТИ ТАЪРИХИИ МОСТ!

*Ватандӯстӣ ва меҳандӯстӣ — принсипи ахлоқию сиёсӣ ва ҳисси иҷтимоӣ буда, мазмуни аслиаш меҳру муҳаббат ва садоқат ба Ватан ва омода будани инсон ба боло гузоштани манфиатҳои ӯ аз манфиатҳои шахсии худ мебошад.*

-Тарбияи ватандӯстӣ аз меҳри Ватан, дӯст доштани модар, зану фарзанд ва пеш аз ҳама, доштани ҳувияти миллӣ оғоз мешавад. Дар шароити ноустувори сиёсии замони муосир, ки манфиатҳои геополитикиву сиёсии абарқудратҳо дар минтақа ва ҷаҳон бархӯрд мекунанд, маҳз ватандӯстӣ ва тарбияи он дар замири шаҳрвандон метавонад амнияту осоиштагӣ, оромиву тинҷӣ ва бехавфии мамлакатро таъмин кунад. Ватандӯстӣ дар ҳамаи давру замонҳо яке аз хислатҳои неки инсоният ба шумор меравад.

Тақозои замон аст, ки давлатҳои рӯ ба рушд, миллӣ ва тозаистиқлол барои ҳифзи арзишҳои миллию фарҳангӣ ва анъаноти ниёгони худ дар замони шадиди бархӯрди тамаддунҳо шаҳрвандони худ ва бахусус насли ҷавони мамлакатро бояд аз хатарҳои нави ҷаҳонӣ эмин нигоҳ доранд. Ин маҳз тавассути тарбияи ҳисси худшиносӣ, худогоҳӣ ва дӯстдориву муҳаббат нисбат ба таърихи бойи сарзамини аҷдодӣ метавонад амалӣ гардад.

Ба ин масъала дар Тоҷикистони соҳибистиқлол диққати махсус дода шуда, тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон рукни асосии сиёсати иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад ва он дар моддаи 43 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст. Ҳамчунин соли 2017 дар мамлакат “Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022” қабул гардида буд.

Бо ташаббуси Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тарбияи ватандӯстии ҷавонон” омода карда шуд ва он 24 декабри соли 2022 аз ҷониби Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тасдиқи расмии худро ёфт.

Дар муқаддимаи қонуни мазкур омадааст, ки ташаккул додани айнияти шаҳрвандӣ, сифатҳои баланди ахлоқӣ, ҳувияти миллӣ, тафаккур ва ҳисси ватандӯстӣ дар ниҳоди шаҳрвандон, тарбия намудани онҳо дар руҳияи муносибати ватандӯстона ба ҷомеа ва давлат дар заминаи фаъолияти баланди ҷамъиятӣ, масъулияти шаҳрвандӣ, омодагӣ ва қобилияти хизмат ба Ватан, таҳкиму таъмини манфиатҳои ҳаётан муҳим ва рушди устувори давлат аз мақсадҳои асосии тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон ба ҳисоб меравад.

Ҳар тоҷику тоҷикистонӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ ва сар задани хатарҳои мухталиф, аз қабили бархӯрди тамаддунҳо, нестшавии фарҳангҳо, ҷангҳои иттилоотӣ ва амсоли ин, бояд аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон” огоҳ бошад. Зеро ин қонун ба ҳар яки мо моҳияти аслии Ватан ва ватандӯстиро шарҳ медиҳад. Дар моддаи 1-и қонуни мазкур мафҳуми “Ватан” ва “ватандӯстӣ” чунин шарҳ дода шудааст: “Ватан — Тоҷикистон, давлати азизу маҳбуб барои шахс, ҷомеаи иҷтимоӣ ё миллии одамон, ки онҳо мансубияташонро ба он ҳамчун шароити зарурии некуаҳволии худ медонанд; — ватандӯстӣ — муҳаббати шахс ба Ватан, сарзамин ва халқ, ҳифз намудан аз душман ва ба манфиати онҳо содиқона хизмат кардан”.

Зимнан, бояд амиқ дарк созем, ки аҷдодони мо аз таърихи дур миллати ватандӯст буданд ва дар ҳама ҳолат барои ҳифзи амнияту сулҳу осоиштагии Ватани худ мубориза мебурданд. Моро зарур аст, ки бо пайравӣ аз гузаштаҳои худ асолати таърихии хешро зинда нигоҳ дошта, ватандӯсту хештаншинос бошем. Дар ин раванд зиёиёни мамлакатро низ зарур аст, ки ҷиҳати дар амал татбиқ намудани меъёрҳои қонуни мазкур пешсафӣ нишон дода, барои мардуми мамлакат намунаи беҳтарини ибрат бошанд.

Бознашр аз АМИТ «Ховар»

## ДИҚҚАТ, ДИҚҚАТ!

Асоси инкишофи одаму олам, табиату наботот аз обу офтоб аст, вале аз меъёр зиёд шудани онҳо ба тамоми мавҷудоти зинда, аз ҷумла инсон таъсири манфӣ мерасонад. Бо гарм шудани боду ҳаво имтиёзи инсон ба обу истироҳат бештар мегардад. Дар ин маврид аз маслиҳати мутахассисон истифода карда, қоидаҳои одии фаъолияти ҳамарӯза, сайру гашт, нӯшидану хӯрдан, пӯшидан ва истироҳатро риоя кардан зарур аст.

Албатта, дар хизмати ҳарбӣ, хоса дар воҳидҳои зудамал, таъиноти махсус маҳорату қобилияти устуворӣ, тоқатфарсоӣ мавқеи муҳим дорад ва ин хусусият бояд зина ба зина ва мунтазам такмил дода шавад. Барои сарбозони тибқи даъват, махсус наваскарон шароит ва имконият додан лозим аст, ки ба талаботи хизмати ҳарбӣ мутобиқ шаванд.

## *Амонати модаронро эҳтиёт кунед!*

Пеш аз ҳама:

1.Ҳангоми дидорбинӣ бо волидон якбора аз меваву полезие, ки дар офтоб нигоҳ дошта шудааст, истифода накунанд.

2.Баъди истеъмоли тарбуз, харбуз, бодиринг ва монанди ин полезиву меваҳо об нанӯшанд.

3.Ба ҳайати шахсӣ ҳар рӯз пеш аз соати дамгирӣ шустушӯ ва оббозӣ бо оби хунук тавсия дода мешавад.

4.Ҳангоми зиёд шудани чангу хок, ифлос шудани боду ҳаво ва зиёд шудани ҳашарот (хомушак) тирезаҳои хобгоҳи сарбозон бо матои махсуси намнок (дока, сетка) маҳкам карда шавад.

5.Дар тамоми мавқеъҳои пешбарии хизмат, хобгоҳ зарфҳои оби нӯшондашуда гузошта шаванд.

6.Мувофиқи имконият аз таъсири зиёди нурҳои офтоб дар ҳавои кушод бояд эҳтиёт кард.

7.Табибону масъулини ақибгоҳ пешгирии бемориҳои мавсимиро ба роҳ монда, сифати озуқаворӣ ва ғизонокии хӯрокро зери назорати доимӣ қарор диҳанд.

Тандурустии сарбоз бахту давлат ва амонати ҳар як модар аст. Боварии комил дорем, ки командирони сатҳу зинаҳои гуногуни қисмҳои ҳарбӣ дар баробари дастурҳои Фармондеҳи Гвардияи миллӣ дар ин мавзӯъ ва талаботи оинномаҳои ҳарбӣ тавсияҳои мазкурро дар фаъолияти ҳамарӯза татбиқ менамоянд.

РОДМАРДОН

## *Роҳи рост рав, гарчи дур аст*

Баъди ба даст овардани соҳибистиқлолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори душвориҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодию фарҳангӣ ба проблемаи коррупсия рӯ ба рӯ гардид. Сабабҳо ва омили асосии густариши коррупсия дар ҷомеаи мо аз як тараф паст будани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва сатҳи зиндагии мардум бошад, аз тарафи дигар омода набудани мардум ба иқтисодиёти бозоргонӣ ва дарк накардани қоидаҳои он буд. Албатта, паҳн гаштани коррупсия дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ҳукумати кишварро ба ташвиш оварда буд, зеро раванди демократикунонии ҷомеа дар рӯ ба рӯи коррупсия дар ҳолати осебпазирӣ қарор дошт. Ба андешаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Коррупсия ба пешрафти иқтисодиёт халал мерасонад, бунёди ҷомеаи демократиро заиф месозад ва ба рушди демократия



таъсири манфӣ мегузорад. Гузашта аз ин, коррупсия дар ҷомеа ба риоя нашудани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон замина фароҳам меорад ва ба пояи аҳлоқ зарба мезанад. Пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия дар оянда низ яке аз самтҳои муҳим дар сиёсати давлатдорӣ боқӣ мемонад».

Дар ҷаҳони имрӯза яке аз монеаҳои асосӣ дар роҳи амалӣ гардонидани ҳуқуқу озодиҳои инсон коррупсия мебошад. Муқовимат ба коррупсия қисми таркибии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, таҳия ва татбиқи он, аз ташаббуси олии сиёсии роҳбарияти давлат оғоз мегардад. Самаранокии муқовимат бо коррупсия аз иштироки фаъоли тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди амалигардонии он вобастагии зич ва ногусастанӣ дорад.

Хотирнишон гардонидан ба маврид аст, ки маҳз амалҳои коррупсионӣ кадру номуси порагирандаро дар ҷомеа паст мегардонад. Агар мансабдори давлатӣ кормандро ба восита ва ё бо роҳи ришва гирифтан ба кор қабул намояд, боиси беэҳтиромӣ ва камаҳамияти нисбати худи ӯ дар коллектив мегардад. Шояд корманд ба амру фармонҳои роҳбар ҷиддӣ муносибат накарда, аз паси бадгӯӣ ва ё таърифу тавсифи роҳу воситаҳои худ шавад, ки ба пешрафти кор ва фаъолияти дигарон бетаъсир нахоҳад монд.

Қисме аз амалҳои коррупсионӣ агар бо талаби шахсони мансабдор бошад, қисмати дигари он маҳз бо амалҳои ношоистаи шаҳрвандон ба миён меояд. Ҳастанд нафароне, ки мехоҳанд, ҳар чи зудтар, бо ҳар роҳу восита ҳам бошад кори худро ба анҷом расонанд. Яъне бо роҳи пешниҳод намудани маблағ ба амалҳои коррупсионӣ даст мезанан. Тафсия менамоем, ки ҳамеша бояд аз роҳи қонун кор гирифт. Чуноне ки бузургон фармуданд: Роҳи рост рав, гарчи дур аст.

Барои пешгирии ришвахорӣ, сӯистифода аз вазифаву мансабҳои давлатӣ ва дигар ҷиноятҳои вазнин бояд қавиирода бошем. Бо ин амали номатлуб мубориза бурда, имконият надиҳем, ки маблағи бо меҳнати ҳалол ба даст овардаи мо луқмаи осон, манбаи даромади бедардимиёни каси дигар бошад.

Мо дар ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ метавонем пеши роҳи коррупсияро бигирем.

Майори гвардия
С. МАҲМАДШАРИФЗОДА,
муовини командири
қисми ҳарбии 051055
оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ

Муассис:
Гвардияи миллии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

сомонаи расмӣ: www.gmjt.tj
E-mail: gmjt.info.tj@mail.ru

Оғози нашр:
25 январи соли 2006

**Ҳайати таҳрир:**
Сардори шуъбаи иттилоот ва робита бо ҷомеа полковники гвардия Хайринисо Комилзода, Неъматуллои Холиқ, Саидшо Амирзода, Саодат Сатторова - хабарнигорон.

**Мушовирон:**
Фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-лейтенанти гвардия Бобоҷон Ҷамолзода, раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ, муовини раиси Ҳаракати ҷамъиятии ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон Рудобаи Мукаррам.

Идораи моҳнома ба андешаҳои муаллифони маводҳо на ҳама вақт ҷонибдор аст. Масъулияти саҳеҳии санаду иқтибосҳо ба зиммаи муаллифон аст. Маводҳо аз АМИТ «Ховар» истифода шуданд.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 706 аз 20 январи соли 2006 ба қайд гирифта шудааст.

**Дизайн: А. Насриддинов**

**Суратгир: М. Шоев**

Адади нашр: 500 нусха